# ХОИНОНИ САФСАТАГӮ

Давлату миллати соҳибистиқлолро аз донистани таъриху фарҳанг ва тамаддуни ниёгони гузаштаи худ мешиносанд. Албатта, ки барои ин нақши роҳбарияти он дар ҷойи аввал меистад. Имрӯз роҳбарияти давлати Тоҷикистон дар шахсияти Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба гушаҳои гуногуни дунё сафар намуда, ҷиҳати густариш ёфтани ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон тадбирҳои муҳимро амалӣ менамояд. Сафари навбатӣ ба давлати Фаронса аз ҷумлаи ин гунна сафарҳост.

Мутаассифона, дар фазои иттилоотӣ баъзе аз ватанфурӯшон, аз ҷумла гурӯҳҳои фитнагар дар робита ба сафари навбатии Пешвои миллат бадгӯйиҳо менамоянд.

Нафароне, ки дар робита ба ин сафар суханҳои бадро мегӯянд, худ на дониши мукаммал доранд ва на қобилият ба коре. Аз ин лиҳоз, таъкид намудан ба маврид аст, ки гурӯҳҳои фитнаҷӯ ва хоин бо роҳи суханбофӣ ва бадгӯйиҳо мехоҳанд ба рушди муносибатҳои доғе биёранд. Аз хонандаи закӣ даъват менамоем, ки ба ҳар гуна гуфтаҳои беасосу дурӯғи чунин афроди хоин бовар накунанд ва бо чашми нек бинанду ин сафарро ба хотири рушди муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Фаронса маънидод намоянд.